Тақризи
мушовири илмӣ доир ба рисолаи номзадии унвонҷӯ Фаридуни Кишвари Раҷабзода дар мавзӯи: «Омузиши таъсири намакҳои химиявӣ дар нишондиҳандаҳои физиологияи ҳайвоноти озмоишӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.03.01.- физиология

Унвонҷӯ Фаридуни Кишвари Раҷабзода Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро соли 2015 хатм намудааст. Аз соли 2015 то имрӯз дар кафедраи фарматсияи факултети фарматсевтии (аз 1 сентябри соли 2020 кафедраи химияи фарматсевтӣ ва идоракуниву иқтисодиёти фарматсевтӣ номгузорӣ шудааст) ДМТ ба ҳайси ассистент фаъолият менамояд. Солҳои 2017-2020 ба ҳайси муовини декан оид ба тарбия кор карда, моҳи майи соли 2020 адвайзери дараҷаи 2 таъин шудааст.

Фаридуни Кишвари Раҷабзода ҳанӯз аз давраи донишҷӯӣ ба кори илмӣ таваҷҷуҳ дошт ва яке аз иштирокчиёни фаъоли ҷамъияти илмии донишҷӯён буд. Дар конференсияҳои илмии донишҷӯён пайваста бо маърӯза баромад мекард.

Дар давраи унвонҷӯиаш солҳои (2017-2020) шумораи зиёди сарчашмаҳои илмиро оид ба таъсири заҳролудкунандаи моддаҳои ғайриорганикӣ гирдоварӣ, таҳлил ва гуруҳбандӣ намуда, бо вазъи илми муосири ватаниву ҷаҳонӣ дар ин самт ошноии хуб пайдо кардааст. Инчунин, роҳу методҳои гузаронидани таҳқиқотҳои физиологӣ, биохимиявӣ ва токсикологиро омӯхта, аллакай аз уҳдаи мустақилона гузаронидани кори илмию таҳқиқотӣ, таҳлили натиҷаҳои таҷриба ва қаламдод намудани он мебароянд.

Фаридуни Кишвари Раҷабзода хусусиятҳои токсикологии сулфати натрий ва нитрати натрийро ҳангоми истифодаи якҷоя мавриди таҳқиқот қарор дода, дар ҳайвонҳои таҷрибавӣ вояи миёнаи марговарро барои ҳарду намак муайян намудааст. Дар таҷрибаҳои марбут ба омӯзиши заҳролудшавии музмин, унвонҷӯ махсусиятҳои кумулятсияи объектҳои таҳқиқотро дар узвҳои гуногуни калламушҳо муайян намудааст. Инчунин, таъсири намакҳои сулфати натрий ва

нитрати натрий ба нишондиҳандаҳои хун ва ферментҳо ҳангоми истифодаи тулонӣ аз ҷониби унвонҷӯ ба таври эътимоднок исбот шудааст.

Нуктаҳои асосии натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ дар мақола ва фишурдаҳои унвонҷӯ инъикос гардидаанд. Муаллиф ба хубӣ аз ӯҳдаи навиштани рисола ва мақсади гузоштаи рисола баромадааст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки Фаридуни Кишвари Раҷабзода барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.03.01.-физиология сазовор аст.

Мушовири илмӣ :
Доктори илмҳои фарматсевтӣ,
Декани факултети фарматсевтии ДМТ С. Мусозода

Имзои С. Мусозодаро тасдиқ
мекунам, сардори раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Э. Тавқиев